**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 14 декабри 2015 сол

# Низомномаи нишони Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.1.Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо қабул карда шуда, мӯҳтаво, шакл ва тартиби истифодаи нишони Иттифоқи адвокатҳоро муайян менамояд.
1.2.Андозаи нишони Иттифоқи адвокатҳо:
- баландии нишон 9 см,
- баландии доираи дохили гӯшаҳо 6 см,
- баландии давраи дувум, ки дар дохили он китоб ва тарозу ҷойгир аст 4 см.

1.3. Нишони Иттифоқи адвокатҳо аз панҷ гӯша иборат мебошад. Ин гӯшаҳо аз 50 барг иборатанд, ки аз ҳамдигар дар фосилаи муайян ҷойгир мебошанд.
1.4.Панҷ гӯша аз дохили нишон бо давра ҷудо шудааст, ки дар дохили давра навиштаҷоти Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ ва забони англисӣ дарҷ гардидааст. Дар дохили навиштаҷот рамзи тарозу ва китоб тасвир ёфтааст. Панҷ гӯша, 50 барг, давра, навиштаҷот бо ранги сабзи торик ифода ёфтааст. Тарозу бо ранги зарди зарҳалӣ ва китоб бо ранги сурх нишон дода шудааст, ки дар алоҳидагӣ чунин тафсир меёбанд:
«Панҷ гӯша»- панҷ мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо,
«Панҷоҳ барг» -Панҷоҳ вакиле, ки Иттифоқи адвокатҳоро таъсис додаанд,
«Давра» - муттаҳидии адвокатҳо,
«Навиштаҷот»-номи Иттифоқи адвокатҳо,
«Тарозу»-рамзи адолат,
«Китоб»-қонун ва волоияти он,
«Ранги сабз»-рушди адвокатура ва мақоми адвокат.
1.5. Нишони Иттифоқи адвокатҳо дар бланкаи фирмавии Иттифоқи адвокатҳо, Ордер, шаҳодатномаҳои таҷрибаомӯз адвокат ва ёрдамчии адвокат, нишони сарисинагии аъзоёни Иттифоқи адвокатҳо, танҳо аз ҷониби аъзоён, мақомотҳои Иттифоқ ва шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ, истифода бурда мешавад.
1.6. Низомнома, инчунин тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи тасдиқ намудан аз тарафи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мавриди амал қарор мегиранд.